«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, профессор
___________ Ибодуллозода А. И.
"_23_" ____12____ соли 2022

**Нусхаи**

суратҷаласаи № 2-и ҷаласаи якҷояи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 29.09. 2022.

**Иштирок доштанд**:

1. Сангинзода Д. Ш. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмӣ;
2. Ахиева С. У. – номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, сардори шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ;
3. Ғаффоров А. О. – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ;
4. Раҷабов Т. Б. – доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессор;
5. Бегимов Ҳ. Х. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент;
6. Абдуллоев И. - номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент;
7. Ҷалилова М. Н. – номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент;
8. Юсупова С. А. - номзади илмҳои филологӣ, муаллими калон;
9. Ҷураева М. Ё. - номзади илмҳои филологӣ, муаллими калон;
10. Бадалова М. А. – муаллими калон;
11. Масимов О. М. - муаллими калон;
12. Буриев Ф. К. - муаллими калон;
13. Назаров Д. А. - муаллими калон;
14. Табаров Д. Д. - муаллими калон;

15. Файзуллоев А. М. – муаллими калон;

16. Шукурзода Х. А. – ассистенти кафедра;

17. Раҳимов Ҷ. Х. - докторанти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ.

18. Фозилов С. М. – номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ;

19. Нурзода А. Н. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;

20. Мамадносирова М. М. - муаллими калон;

21. Мирзоназарова Б. С. - муаллими калон;

22. Чобулова Н. М. - муаллими калон;

23. Олимов Т. Ш. - муаллими калон;

24. Ҳусейнов Н. М. - муаллими калон;

25. Бобоёров З. Ҳ. – ассистенти кафедра;

26. Давлатназарова Ф. А.– ассистенти кафедра;

27. Шарипова М. С. – ассистенти кафедра.

**Даъватшудагон:**

1. Сатторов Т. – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи зоология, академики шуъбаи Тоҷикистон Академияи байналмилалии донишгоҳои олӣ;

2. Баротзода К. А. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология;

3. Шарипов М. М. – номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи биология;

4. Алимов С. Ш. - номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими химия;

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Муҳокимаи рисолаи докторанти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа

PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ

**Роҳбари илмӣ:** Бегимов Ҳ.Х. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

**Шунида шуд:**

Ҷаласа тахти раёсати мудири кафедра, доктори илмҳои филологӣ, дотсент Ғаффоров А.О. баргузор шуд.

Аз рӯйи масъалаи мазкур докторанти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ гузориш дода, мазмуну муҳтавои рисолаашро дар шакли фишурда ба аҳли нишаст пешниҳод намуд.

Ҳозирини гиромӣ, рисолаи таҳқиқотие, ки мавриди муҳокимаи Шумо пешниҳод мегардад, ба мавзуи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" бахшида шуда, аз сарсухан, ду боб, хулосаҳои умумӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Муҳаққиқ зикр намуд, ки асоси биологии шахсияти инсон дар имконияти вай оид ба дарки ҷаҳони муосир ва амалисозии он дар сатҳҳои гуногун, ки барои муҳити иҷтимоӣ мусоидат менамояд, ифода мешавад. Ин ҳақиқат дар амалисозии раванди таҳсилот дар мактаб сурат мегирад, ки тавассути таълими фанҳои табиӣ-математикӣ роҳандозӣ шуда, ифодагари ҷузъиёти умумии фарҳангии шахс мебошад.

Дар ҳамин замина, Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар мешавем, ки дар он қайд гардидааст: «Солҳои 2020-2040 омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардидааст, ки ин иқдом боз афзалияти омӯзиши фанҳои табиӣ-математикиро тақвият мебахшад.

Навгониҳое, ки дар системаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо амалӣ мешавад ба рушду ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст. Яке аз ин самтҳо ҳалли масъалаи роҳандозии корҳо оид ба ҳамгироии мактабу ҷомеа мебошад.

Ҳамгироӣ дар ҷараёни таълим – ин яке аз равияҳои асосии ҷустуҷӯи методҳои нави ҳалли масъалаҳои педагогӣ мебошад, ки боиси инкишофи нуфузи якҷояи омӯзгорон ва омӯзгорони алоҳида гардида, бо мақсади таъсирбахшии онҳо ба хонандагонро ифода менамояд.

Ҳамгироӣ ҳамчун раванд, пеш аз хама, дар асоси илмҳои мавҷуда амалӣ ва ба вуқуъ пайваст мегардад. Ин тамоили баръакси тафриқаи илмҳо буда, ба рушди ҳаҷму васеъгии донишҳо талаботи навро пеш меорад.

Ҳамгироӣ байни фанҳои таълимӣ ин кори низоми предметӣ нест. Он имконият медиҳад, ки дарёфти роҳҳои имконпазири вобастагиҳо бо робитанокии ин фанҳо ошкор гардад.

Мушоҳидаҳои бисёрсола нишон медиҳад, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва баъдтар хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҳои гирифтаи худро аз ин ё он фан ба фанни дигар бахри татбиқ кардан душворӣ мекашанд. Дар онҳо мустақилияти тафаккур ва маҳорати ташаккули донишҳо дар баъзе ҳолатҳо монанд ва ҳолатҳои дигар коста мебошад. Ҳамаи камбудиҳо ва норасоиҳо дар заминаи байни ҳам номувофиқии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин ҳолатҳо бояд қайд кард, ки робитаи байнифанҳо, аз он ҷумла, табиӣ-математикӣ дуруст амалӣ нашудааст. Аз ин рӯ, сарчашмаи ҳамгироӣ ин робитаи байнифаннӣ буда, омили асосии муттаҳидкунии омилҳои ташаккулдиҳандаи мазмун ва сохтори фанҳои таълимӣ мебошад.

Чи хеле ки таҷриба нишон медиҳад, робитаи байнифаннӣ дар раванди таълими мактабӣ яке аз воситаҳои асосии амалисозии ҳамгироии донишҳо, маҳорату малакаҳои илмӣ ва ҳаётиро ифода мекунанд. Ин робитаҳо боиси баландшавии омодагии амалӣ ва назариявӣ-илмии

хонандагон мешавад, ки заминаи дарки хонандагон ҷабҳаҳои умумии фаъолияти азбаркунӣ мебошад.

Бо назардошти гуногунҷабҳагии робитаи байнифаннӣ на фақат масъалаҳои нав дар сатҳи сифатан баландтар, балки ҳадафҳои инкишоф ва тарбияи хонандагон низ дар ҷодаи системанок ва масъалаҳои мураккаб вобаста ба имкониятҳои воқеӣ ҳал карда мешаванд. Бинобар ҳамин, робитаи байнифаннӣ яке аз рукнҳои асосӣ ва зарурии ташаккули донишҳои табиии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди таълими фанҳои табиӣ-математикӣ мебошад.

Дар ин синни мактабӣ хонандагон аллакай оид ба донишҳои одитарини физикӣ оид ба фанҳои табиӣ то андозае малака пайдо мекунанд. Аз курси табиатшиносӣ, математика, технология ва инчунин аз таҷрибаи шахсии худашон ва дигар сарчашмаҳо оид ба хосиятҳои объектҳои табиӣ ошноӣ пайдо мекунанд. Бинобар ҳамин, ин масъала рӯзмарра буда, ҷанбаҳои бисёреро дарбар мегирад. Дар сарчашмаҳои педагогӣ оид ба мақулаи «робитаи байнифаннӣ» таърифҳои гуногун мавҷуданд, ки онҳо аз ҷониби бисёр донишмандон баррасӣ шудаанд. Аз он ҷумла, корҳои олимони муосир Г. И. Беленкий, И. Д. Зверев, Д. М. Китижева, Н. А. Лошкарева, В. Н. Максимова, Г. Ф. Федоретс, В. Н. Федорев, И. Т. Петрова, Х. Х. Рахимов ва дигарон, ки андешаҳояшон оид ба мақом, хелҳо ва намудҳои робитаи байнифаннӣ бахшида шудааст.

Таърифи дақиқтару саҳеҳтар ва писандидаи робитаи байнифаннӣ аз ҷониби Г. Ф. Федорест чунин ифода шудааст: «Робитаи байнифаннӣ ин қабулшудаи педагогӣ буда, ифодаи таркиббандии ҳамгирои муносибатҳои байни объектҳо, равандҳо ва ҳодисаҳои олами воқеӣ, ки инъикоси худро дар мазмун, шаклҳо ва методҳои раванди таълимӣ-тарбиявӣ иҷрокунандаи вазифаҳои маълумотдиҳӣ, инкишофдиҳӣ ва тарбиявиро дар ҳамбастагӣ ифода менамояд».

Дар таъриф диққати асосӣ ба муқарраркунии робитаҳои байнифаннӣ ва тамоилҳои гуногун дар ин ҷода, инчунин интихоби мазмун, методу шаклҳои таълим нигаронида шудааст. Дар як қатор корҳое, ки ба

самти робитаи байнифаннӣ ва дохилифаннӣ дар синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст, дар заминаи «марҳилаи наздикии рушд» барои бо тадриҷ гузариш ба ҳамгироии фанҳои таълимӣ ҳидоят менамояд, инҳоянд: Г. Н. Аквилева, Н. Я. Виленкин, Г. В. Белтюкова ва дигарон.

Масъалаҳои амалисозии тамоили ҳамгироӣ ба таълим дар таҳқиқоти С. В. Безрукова, В. Е. Пешкова, Ю. С. Тюников ва дигарон баррасӣ шудааст. Инчунин воҳиди асосии донишҳои табиӣ-илмӣ ҳамчун мафҳум ва ташаккули он диққати асосӣ дар таҳқиқоти олимони намоёни психология, педагогика ва методистони замони муосир А. И. Бугаев, П. Я. Галперин, В. В. Давидов, Ю. И. Дик, Я. А. Коменский, А. Н. Леонтев, А. Н. Менчинская, Э. А. Мамбетакунов, А. А. Пинский, М. Н. Скаткин, Т.Н. Шамало, А. В. Усова ва дигарон баррасӣ шудааст.

Дар таҳқиқоти В. В. Давидов, В. Г. Разумовский, М. Н. Скаткин, А. В. Усова, П. В. Симонов ва дигарон қайд гардидааст, ки аз усули ташаккули мафҳумҳои табиию илмӣ ба рушди хусусиятҳои зеҳнии хонандагон бисёр ҳам вобаста аст. Таҳлили корҳои онҳо шаҳодат медиҳад, ки мафҳумҳо азбаршуда мешаванд, агар одам онҳоро дар амал татбиқ карда тавонад. Аз тарафи дигар, раванди азбаркунии мафҳумҳо хонандагонро водор менамояд, ки ба намудҳои гуногуни фаъолият ширкат варзанд, ки ба азбаркунии мафҳуми мушаххаси табиию илмӣ нигаронида бошанд.

Масъалаи ташаккули мафҳумҳои табиию илмӣ ба хонандагон дар рисолаҳои илмии Л. В. Веснина, В. П. Симонов, А. В. Усова ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар таҳқиқоти донишмандони тоҷик оид ба имконияти ташаккули одитарин мафҳумҳои табиӣ аз он ҷумла, мафҳумҳои одитарини физикӣ ва шавқу ҳаваси азбаркуниҳои онҳоро дар синфҳои ибтидоӣ, дар таълифоти Ҳ. Х. Бегимов, Б. М. Мирзоев, Л. К. Назирова, А. Т. Пирназаров, С. К. Таваров, Д. Шодиев ва дигарон дидан мумкин аст.

Таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ ва методӣ нишон медиҳад, ки дараҷаи коркарди амалисозии робитаи байнифаннии фанҳои табиӣ-

математикӣ, ки ташаккули донишҳои одитарини физикиро дар синфҳои ибтидоӣ ҳидоят менамояд, моро ба ихтилофоти мавҷудаи зерин овард:

- зарурати байни ташаккули донишҳои одитарини физикӣ, ки мавриди омӯзиши фанҳои табиӣ-математикӣ ва нокифоягии амлисозии имкониятҳои мавҷуда дар раванди методикаи анъанавӣ;

- нақши байни он, ки донишҳои одитарини физикӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва таъсири нокифояи таълими фанҳои табиӣ-математикӣ дар раванди омӯзиши математикаи синфҳои ибтидоӣ;

- талабот ба донишҳои одитарини физикӣ рӯзмарра буда, сатҳи нокифояи ташаккули он дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. Ин ихтилофот, инчунин андешаҳои дар боло зикршуда рӯзмарра будани масъалаи таҳқиқотро ошкор кард.

Бинобар ин, масъалаи таҳқиқотиро мавзуи «Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика» дар бар мегирад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи "«Асосҳои методологии тайёр кардани муаллимиояндаи синфҳои ибтидоӣ дар донишгоҳҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ»" ва муқаррароти асосии "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" иҷро шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** дар коркарди илмӣ-методии асосҳои ташаккули донишҳои одитарини табиии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика ва озмоиши самараноки амалии он ифода меёбад.

**Объекти таҳқиқот** раванди ташаккули чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ оид ба омӯзиши математика дар синфҳои ибтидоиро дар бар мегирад.

**Предмети таҳқиқот:** роҳу усулҳои методии ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди таълими математика.

**Фарзияи таҳқиқот:** ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика боиси сифати баланди дониши математикӣ ва зиёд шудани шавқу ҳаваси онҳо ба фанни физика самаранок мешавад, агар:

- мазмун ва сохтори робитаи байнифаннии фанҳои табиӣ-математикии мактабӣ муайян карда шаванд;

- имконияти ташаккули донишҳои одитарини физикӣ мавриди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ ошкор сохта шавад;

- ташаккули системаноки донишҳои табиӣ дар ҷараёни дарсу корҳои беруназдарсии математикаи синфҳои ибтидоӣ ҳамчун воситаи пайдоиши шавқу ҳавас ба фанҳои табиӣ амалӣ шавад;

- беҳдошти самараноки коркарди методии пешниҳод гардида амалӣ санҷида шавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот аз инҳо иборат аст**:

- омӯзиш ва таҳлили адабиёт оид ба мазмун ва мундариҷаи робитаи байнифаннии фанҳои табиӣ-математикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- муайянкунии имкониятҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- пайдоиши шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили самараноки корҳои беруназдарсӣ бо фанни физика;

- амалан санҷидани системаи коркарди методии пешниҳодгардида.

Ҷойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот: муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 7, 34, 53, 70-и ш. Душанбе; муассисаи давлатии таълимии гимназияи ба номи А. Ғуломови ш. Душанбе; муассисаи давлатии таълимии литсейи №4 барои хонандагони болоёқати ш. Душанбе

ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 18, 50-и ноҳияи Панҷакент. Таҳқиқот дар давоми солҳои 2017-2022 дар се марҳила гузаронида шуд.

**Дар марҳилаи якум** (2017-2018) тибқи нақшаи назариявӣ дақиқсозии фарзия ва масъалаҳои таҳқиқот сурат гирифт. Дар ҳамин замина, корҳои озмоишӣ, шаклҳо ва методҳои ташаккули донишҳои одитарини физикӣ мавриди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ дақиқ ва муайян карда шуд. Тамоюли амалии он ба гузаронидани озмоиши муқарраркунӣ (барқароркунӣ) бо мақсади дақиқсозии фарзия ва ҳадафҳои таҳқиқот, инчунин мушоҳида ва омӯзиши фаъолияти эҷодии муаллимони пешқадами синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Ҳамзамон, дараҷаи ташаккулёфтаи донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шудааст.

**Дар марҳилаи дуюм** (2018-2020) озмоиши ташаккулдиҳанда гузаронида шуд. Дар ин марҳила баъзе ислоҳкунии ҷузъҳои фарзия сурат гирифта ба таври системанок коркарди методии пешниҳодшуда оид ба ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар раванди дарс ва берун аз дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ гузаронида шуд.

**Дар марҳилаи сеюм** (2020-2021) зимни нақша назария ва амалияи ба итмомрасии таҳқиқот ва таҳияи рисолаи таҳқиқотӣ бахшида шуд. Инчунин, натиҷаҳои ноилгардида аз диди омори математикӣ баҳри исботи фарзия коркард карда шуд. Ҳамзамон хулосабарорӣ ба иҷро расид.

**Асосҳои методологии таҳқиқот:**

- назарияи инкишофи тафаккур ва ташаккули мафҳум П. С. Арсенева, Л. С. Виготский, П. Я. Галперин, С. Л. Рубинштейн, Н. Ф. Тализин ва дигарон;

- таҳқиқот оид ба проблемаи ташаккули мафҳумҳо В. С. Безруков, И. Д. Зверев, Ж. Камолов, И. А. Иванов, А. В. Перишкин, А В. Усова, В. Н. Федоров ва дигарон.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот:**

- асарҳои ба қонуниятҳои педагогии ташкили раванди таълим ва маърифатнокии хонандагон бахшидашуда;

- корҳои таҳқиқотӣ оид ба асосҳои педагогии низоми раванди ташаккули хонандагон, ташаккул ва рушди раванди донишазхудкунии хонандагон дар раванди машғулиятҳои таълимӣ;

- манбаъҳо ва интишороти илмии марбут ба инкишофи шавқу рағбати маърифатии хонандагон дар давраи муассисаҳои таълимӣ;

- пойгоҳи манбаъҳо дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти масъалаҳои афзалиятнокии ташаккули маърифатии хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ ва масоили коркарди равияҳои нави ташкили раванди таҳсилот ташкил медиҳад.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот**: Асарҳои илмии олимон - файласуфон, психологҳо, педагогҳо оид ба масъалаҳои раванди маърифат ва фаъолияти фаъолонаи инсон дар раванди таҳсилот, рушди шахсият ва имконоти худтатбиқнамоии ӯ дар навъҳои фаъолияти таълимӣ ва беруназтаълимӣ; санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи мактаби миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Стандартҳои давлатии таҳсилот» ва ғайра.

**Ҳамзамон, ҳадафҳои гузошташуда истифодаи методҳои зерини таҳқиқотро пеш овард:**

- методҳои назариявии таҳқиқоти масъалаҳои методӣ (таҳлил, таркиббандӣ, ҷамъбасткунӣ, монандкунӣ ва моделсозӣ);

- методу шаклҳои кори озмоишӣ (марҳилаи барқароркунӣ, муайянкунӣ, ташаккулдиҳанда, мушоҳида, назарпурсӣ, тестӣ, корҳои озмоишӣ, санҷиши амалӣ, амалисозии ҳалли методии масъалаҳо).

**Навгониҳои илмии таҳқиқот аз инҳо иборат аст**:

- мазмун ва сохтори робитаи байнифаннии фанҳои табиӣ-математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ аниқ ва дақиқ карда шуд;

- заминаҳои имконпазири ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни таълими математика ошкор гардид;

- роҳу усулҳои самараноки ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар раванди дарсу корҳои беруназдарсӣ дарёфт ва ҳамчун воситаи

бедоркунии шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба омӯзиши фанни физика муайян карда шуд.

**Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод мешаванд:**

- ташаккули шарҳи олами воқеӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун қисмати таркибии таълими фанҳои табиӣ-математикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- мазмуни таҳсилоти таъминкунандаи ҳамгироии фанҳои табиӣ-математикӣ, бояд тавассути амалисозии робитаи байни фанҳои табиӣ-математикӣ роҳандозӣ шавад;

- ташаккули донишҳои одитарини физикӣ тавассути ҳалли масъалаҳои математикии маънои физикӣ дошта амалӣ шавад;

- ҳалли масъалаҳои математикии мазмуни физикидошта воситаи беҳдошти омодагии математикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад;

- машғулиятҳои беруназдарсии маънои физикидошта ҳамчун воситаи бедоркунии шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фанни физика мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** ҳиссагузорӣ дар коркарди системаи методии таълими фанҳои табиӣ-математикӣ тибқи амалисозии тамоюли ҳамгироӣ ба назария ва методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ иҷро шуд, ки боиси талаботи мувофиқаи маводҳои таълими фанҳои табиӣ-математикӣ, методҳою шаклҳои ташкили фаъолияти таълимӣ азбаркунии хонандагон, меъёри ташаккулёфтаи донишҳои одитарини физикӣ ва шавқу ҳавас ба фанни физика гардид.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** иборат аз коркарди методикаи ташаккули донишҳои одитарини табиӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ, ки дар сохтору мазмуну мундариҷаҳои китоби дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ истифодаи имконпазир дорад. Ин натиҷаро метавонанд дар омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар донишкадаю донишгоҳҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ истифода намоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:**

- методологияи дидгоҳи системавӣ;

- консепсияи миллии ташхиси педагогӣ;

- такя ба методҳои назариявӣ ва эмпирии таҳқиқот; таҳлили шароит ва натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ;

- тасдиқи муқаррароти дар фарзия пешниҳодшуда ва ғояи пешбари таҳқиқот;

- маҷмуи методҳое, ки ба вазифаҳои ҳар як марҳалаи таҳқиқот мувофиқанд;

- таҷрибаи шахсии кор ба сифати омӯзгор.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:**

Диссертатсия ба мундариҷаи шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа – PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар иштирок кардани ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзуъ, таҳияи сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам намудани маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омода ва интишор кардани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар ҳамоишҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва навиштани диссертатсия инъикос меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия:** мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои рисола бо иштироки муаллиф дар хонишҳои педагогии шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ, дар конференсияҳои ҳарсолаи илмӣ-амалии ҳайати омӯзгорону профессорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф баррасӣ шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия:** муҳтаво ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 17 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмии дар

маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия нашр шуданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Матни диссертатсия 161 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад. Феҳристи адабиёти истифодашуда аз 173 номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ иборат аст.

Дар боби якум - «Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули донишҳои одитарини физикӣ мавриди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ» паҳлӯҳои асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули донишҳои физикӣ ба ҳайси таркибии омодагии математикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар боби дуюм - «Хусусиятҳои методии ташаккули донишҳои табиӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ» таҳлили сатҳи ибтидоии ташаккулёфтаи донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шудааст.

**Раисикунанда:** маъруза ба охир расид. Марҳамат, ба маърузачӣ чӣ гуна саволҳо ҳаст?

**Ҷалилова М. Н.** - номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент.

- Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Шуморо чиҳо ташкил медиҳанд?

**Раҳимов Ҷ. Х.** - ҳангоми таҳқиқот мо дар мавриди ҷалби хонандагон ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар раванди омӯзиши назарияи инкишофи тафаккур ва ташаккули мафҳум ва таҳқиқот оид ба проблемаи ташаккули мафҳумҳоро истифода бурдем.

**Файзуллоев А. М.** – муаллими калон.

- Мақсади тахқиқоти Шумо аз чӣ иборат аст?

**Раҳимов Ҷ. Х.** – мақсади умумии таҳқиқоти мо дар коркарди илмӣ-методии асосҳои ташаккули донишҳои одитарини табиии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика ва озмоиши самараноки амалии он, иборат мебошад.

**Мамадносирова М. М.** – муаллими калон.

- Шумо ҳангоми таҳқиқот аз кадом методҳо истифода кардед?

**Раҳимов Ҷ. Х.** - асосҳои методикаи таҳқиқотҳои педагогии моро методҳои назариявии таҳқиқоти масъалаҳои методӣ (таҳлил, таркиббандӣ, ҷамъбасткунӣ, монандкунӣ ва моделсозӣ) ва методу шаклҳои кори озмоишӣ (марҳилаи барқароркунӣ, муайянкунӣ, ташаккулдиҳанда, мушоҳида, назарпурсӣ, тестӣ, корҳои озмоишӣ, санҷиши амалӣ, амалисозии ҳалли методии масъалаҳо), ташкил медиҳанд.

**Табаров Д. Х.** – муаллими калон.

- Аз таҳлили барномаҳои таълимӣ Шумо ба кадом хулосаҳо омадед?

**Раҳимов Ҷ. Х.** – дастовардҳои илми муосир оид ба табиат, ки моҳияти таҳсилотӣ доранд, фақат мансуби олимон намебошанд. Мақому нуфузи амалии ин дастовардҳо бояд дар сатҳи дастрас ба хонандагони муассисаҳои таълимӣ омӯзонида шаванд. Ин маънои онро надорад, ки ҳамаи дастовардҳои илмҳои физика, химия, биология, географияро ба курсҳои мактабӣ ворид намоем. Ин гуна дастовардҳо хело зиёданд, ки ҳатто донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз бар карда наметавонанд. Бинобар ин, зарур аст, ки барномаи таълимии фанҳои мактабии табиӣ-математикӣ, ки баъзе асосҳои илмҳои муосир оид ба табиат, ба монанди далелҳои илмӣ, мафҳумҳо, қонунҳо, назария ва методҳое, ки дар мувофиқа ба талаботи назарияи таълим – дидактика ва назарияи методикаи таълими хусусии фанҳои таълимӣ ба роҳ монда шавад.

**Ҷураева М. Ё.** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калон.

- Чанд мақолаи илмии Шумо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд?

**Раҳимов Ҷ. Х.** – панҷто мақола.

**Абдуллоев И. –** .номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент.

- Дар адабиёти педагогӣ вазифаҳои робитаи байнифаннӣ ҷудо карда шудааст, номбар кунед?

**Раҳимов Ҷ. Х.** - таҳти мафҳуми робитаҳои байнифаннӣ системаи муносибатҳои байни дониш ва маҳоратҳои дар натиҷаи пайдарпайии

метод, восита ва мундариҷаи фанҳои омӯхташаванда инъикос намудани он робитаҳои объективӣ, ки дар олами воқеӣ мавҷуданд, фаҳмида мешавад. Онҳо инчунин ба сифати воситаи мушаххаси педагогӣ бaромад карда метавонанд, ки бо ёрии он масъалаҳои муайяни таълимӣ-тарбиявӣ ҳал карда мешаванд ва дар адабиёти педагогӣ вазифаҳои робитаи байнифаннӣ ба чунин қисматҳо ҷудо карда шудааст – методологӣ, маърифатӣ, инкишофӣ, тарбиявӣ ва тартибдиҳӣ.

**Чобулова М. Н.** – муаллими калон

- Математика бо кадом фанҳои таълимӣ робита дорад?

**Раҳимов Ҷ. Х.** - дар замони муосир математика бо фанҳои таълимӣ: табиатшиносӣ, санъат ва меҳнат, географияи табиӣ, биология, химия, физика ва ғайра робитаи зич дорад. Ҳамзамон, ин фанҳои таълимӣ бевосита ба таълими математика ҳамбаста мебошад.

**Раисикунанда:** ҳамин тавр, агар дигар саволҳо набошанд, ба муҳокимаи рисола мегузарем. Сухан ба роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бегимов Ҳусен Худоёрович дода мешавад, марҳамат.

**Бегимов Ҳ. Х.** - чунин меҳисобам, ки рисолаи таҳқиқотӣ дар мавзуи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардидааст. Чунин таҳқиқот дар сатҳи ҷумҳурӣ бори аввал сурат гирифтааст. Рисолаи таҳиягардида аҳамияти назариявию амалӣ низ дорад. Нутқи баён дар рисола хуб риоя шудааст. Забони баён низ хуб аст. Сохтор ва мазмуну муҳтавои автореферат мазмуну муҳтавои худи рисоларо инъикос менамояд.

Гуфтан ба маврид аст, ки ҳангоми гузаронидани таҳқиқот унвонҷӯ худро ҳамчун унвонҷӯи пухтакор ва мустақил муаррифӣ намудааст. Доир ба таҳқиқот ҳамаи супоришҳои пешниҳодшуда саривақт ва босифат иҷро гардидааст. Доир ба масоили пайдошаванда фикру андешаи хоси худро

дорад ва бомаслиҳат онро дар таҳқиқот татбиқ кардааст.

Дар маҷмуъ, рисолаи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович таҳқиқоти нав, мукаммал ва бaанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ иҷро шуда, аҳамияти муҳимми назариявию амалӣ дорад.

Нуктаҳои асосии рисола дар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳои илмӣ нашр шуда, тақризҳои мусбат гирифтаанд.

Чунин меҳисобам, ки рисолаи таҳқиқотӣ дар мавзуи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ таҳқиқоти илмӣ - тахассусии анҷомёфта буда, аз рӯйи ҳаҷму арзиши назариявӣ ва амалии хулосаҳои илмияш ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Муаллифи рисола барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ сазовор мебошад. Аз ин рӯ, рисолаи мазкурро барои ҳимоя пешниҳод менамоям.

**Раисикунанда:** сухан ба доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ Раҷабов Т. Б. дода мешавад.

**Раҷабов Т. Б** -рисолаи таҳқиқотии Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ масъалаҳои мубрами рӯз дар соҳаи илмҳои педагогӣ мебошад. Муҳиммият ва замонавӣ будани мавзуи таҳқиқот аз он дарак медиҳад, ки то имрӯз ягон таҳқиқоти махсуси мукаммал оид ба масъалаи таҳқиқотӣ дар ҷодаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби олимону муҳаққиқон гузаронида нашудааст.

Унвонҷӯ, ки худашон дар муассисаи давлатии таълимии гимназияи ба номи А. Ғуломови ш. Душанбе ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ

кору фаъолият менамояд, кўшиш ба харч додааст, ки ташкили чараёни мавзуи таҳқиқотиро ҳамачониба омўхта, таҳлилу баррасӣ намудааст.

Умуман, рисолаи таҳқиқотии Раҳимов Ҷамшед Хучамуродович дар мавзуи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рўйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра чавобгў мебошад. Бинобар ин, муаллифи рисола сазовори дарачаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рўйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ мебошад. Гуфтаҳои болоро ба инобат гирифта, рисолаи мазкурро барои ҳимоя пешниҳод менамоям.

**Раисикунанда:** сухани навбатӣ ба доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ Нурзода А. Н. дода мешавад.

**Нурзода А. Н.** - ман муҳтарам Раҳимов Ҷамшед Раҳимовичро аз давраи таҳсил дар шуъбаи рўзона ва магистратураи факултети педагогика мешиносам. Ман ба ў дар ин давра аз фанҳои педагогика, таърихи фалсафаи маълумоти педагогика ва проблемаҳои педагогии мактаби олӣ дарс гуфтаам. Ў шахси масъулиятшинос, поквичдон, меҳнатдўст ва муҳаққиқи мустақил мебошад. Рисолаи таҳиянамудааш дар мавзуи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" кори мукаммали мантиқан баанчомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ ичро гардидааст. Аз тавсияҳои пешниҳодшуда хонандагон, донишчўён, омўзгорони муассисаҳои тхсилоти миёна ва олии касбӣ барои баланд шудани сифати таълими фанни "Математика" истифода карда метавонанд. Ин шаҳодати он аст, ки рисола аҳамияти назариявию амалӣ дорад. Дар ҳамин асос онро барои ҳимоя тавсия медиҳам.

**Раисикунанда:** сухан ба номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Алимов С. Ш. дода мешавад.

**Алимов С. Ш.** – муҳиммият ва замонавӣ будани мавзуи таҳқиқотӣ яке аз воситаи асосии санҷиши фарзияи педагогӣ - ин озмоиши педагогӣ мебошад. Вазифаи он муайянкунии самаранокии истифодаи усулҳо, воситаҳо, методҳои корҳои таълимӣ-тарбиявӣ, шаклҳои ташкили шароити мусоид, муҳайё ва тадбики технологияи нави таълим, тарбия ва инкишофи муҳассилин мебошад. Маҳорати таҳияи фарзия, роҳи муайянкунии санҷиши он, гузаронидани одитарин таҳқиқоти назариявӣ, истифодаи методҳои илмии тафаккур, аз диди мо, ин меъёрҳои асосии зарурии омӯзгор-таҳқиқотчӣ мебошад. Такя ба методҳои асосии таҳқиқотӣ, омӯзиши таҷрибаи педагогӣ амалӣ мешавад. Ба андешаи банда, гузаронидани озмоиши педагогӣ яке аз омилҳои баланд шудани сифати таълим ва савияи дониши хонандагон баҳисоб меравад. Дар рисолаи мазкур маҳз ҳамин масъала ҳаллу фасл гардидааст. Чунин меҳисобам, ки рисолаи мазкур таҳқиқоти мукаммал ва пурра бaанҷомрасида буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ мебошад. Гуфтаҳои болоро ба инобат гирифта, рисолаи мазкурро барои ҳимоя пешниҳод менамоям.

**Раисикунанда:** боз ягон кас хоҳиши баромад кардан дорад, марҳамат. Хоҳишмандон нестанд. Ман ҳам мехоҳам доир ба доктарант ва рисолаи таҳиякардааш чанд сухане гӯям. Унвонҷӯ дар назди кафедра таҳти роҳбарии номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бегимов Ҳ. Х. рисолаи хатми бакалаврӣ ва магистрӣ таҳия намуда, онро бомуваффақият дифоъ карда аст. Рисолаи номзадиаш бошад, идомаи мантиқии рисолаи магистриаш мебошад ва дар сатҳи баланд иҷро гардидааст. Ман ба мақолаҳои нашркардааш шинос шудам. Онҳо ба мазмуну муҳтавои рисола пурра мувофиқат мекунанд. Ба муҳиммият ва замонавӣ будани мавзуи рисола ягон шубҳае нест. Рисола маводи зиёди назариявию амалиро дар бар мегирад. Рисолаи таҳқиқотии дар мавзуи “Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор

аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ ба баҳои баланд сазовор аст, аз ин рӯ, ман ҳам онро барои ҳимоя пешниҳод менамоям.

**Раисикунанда:** дар асоси баромади унвонҷӯ Раҳимов Ҷ, Х., роҳбари илмӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бегимов Ҳ. Х., доктори илмҳои педагогӣ, и. в. профессори кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ Раҷабов Т. Б., доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ Нурзода Н. Н., номзади илмҳои педагогӣ, и. в. дотсент Алимов С. Ш. ҷаласаи кафедра ба чунин хулоса омад:

**Хулоса**

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ пешниҳод шудааст ба яке аз масъалаҳои муҳимми методии илми педагогикаи муосир бахшида шудааст.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқотӣ** дар он зоҳир мегардад, ки дар замони муосири инкишофи асоси биологии шахсияти инсон дар имконияти вай оид ба дарки ҷаҳони муосир ва амалисозии он дар сатҳҳои гуногун, ки барои муҳити иҷтимоӣ мусоидат менамояд, ифода мешавад. Ин ҳақиқат дар амалисозии раванди таҳсилот дар мактаб сурат мегирад, ки тавассути таълими фанҳои табиӣ-математикӣ роҳандозӣ шуда, ифодагари ҷузъиёти умумии фарҳангии шахс мебошад.

Дар ҳамин замина, Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар мешавем, ки дар он қайд гардидааст: «Солҳои 2020-2040 омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардидааст, ки ин иқдом боз афзалияти омӯзиши фанҳои табиӣ-математикиро тақвият мебахшад.

Навгониҳое, ки дар системаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо амалӣ мешавад ба рушду ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст.

Яке аз ин самтҳо ҳалли масъалаи роҳандозии корҳо оид ба ҳамгироии мактабу ҷомеа мебошад.

Ҳамгироӣ дар ҷараёни таълим – ин яке аз равияҳои асосии ҷустуҷӯи методҳои нави ҳалли масъалаҳои педагогӣ мебошад, ки боиси инкишофи нуфузи якҷояи омӯзгорон ва омӯзгорони алоҳида гардида, бо мақсади таъсири самараноки онҳо ба хонандагонро ифода менамояд.

Ҳамгироӣ ҳамчун раванд, пеш аз ҳама, дар асоси илмҳои мавҷуда амалӣ ва ба вуқуъ пайваста мегардад. Ин раванд баръакси тафриқаи илмҳо буда, ба рушди ҳаҷму фарохи донишҳо талаботи навро пеш меорад.

Ҳамгироӣ байни фанҳои таълимӣ ин кори низоми предметӣ нест. Он имконият медиҳад, ки дарёфти роҳҳои имконпазири вобастагиҳо бо ҳамалоқамандии ин фанҳо ошкор гардад.

Мушоҳидаҳои бисёрсола нишон медиҳад, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва баъдтар хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҳои гирифтаи худро аз ин ё он фан ба фанни дигар баҳри татбиқ кардан душворӣ мекашанд. Дар онҳо мустақилияти тафаккур ва маҳорати ташаккули донишҳо дар баъзе ҳолатҳо монанд ва ҳолатҳои дигар коста мебошад. Ҳамаи камбудиҳо ва норасоиҳо дар заминаи байни ҳам номувофиқии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин ҳолатҳо бояд қайд кард, ки робитаи байнифанҳо, аз он ҷумла табиӣ-математикӣ дуруст амалӣ нашудааст. Аз ин рӯ, сарчашмаи ҳамгироӣ ин робитаи байнифаннӣ буда, омили асосии муттаҳидкунии омилҳои ташаккулдиҳандаи мазмун ва сохтори фанҳои таълимӣ мебошад.

Чи хеле ки таҷриба нишон медиҳад, робитаи байнифаннӣ дар раванди таълими мактабӣ яке аз воситаҳои асосии амалисозии ҳамгироии донишҳо, маҳорату малакаҳои илмӣ ва ҳаётиро ифода мекунанд. Ин робитаҳо боиси баландшавии омодагии амалӣ ва назариявӣ-илмии

хонандагон мешавад, ки заминаи дарки хонандагон ҷабҳаҳои умумии фаъолияти азбаркунӣ мебошад.

Бо назардошти гуногунҷабҳагии робитаи байнифаннӣ, на фақат масъалаҳои нав дар сатҳи сифатан баландтар, балки ҳадафҳои инкишоф ва тарбияи хонандагон низ дар ҷодаи системанок ва масъалаҳои мураккаб вобаста ба имкониятҳои воқеӣ ҳал карда мешаванд. Бинобар ҳамин, робитаи байнифаннӣ яке аз рукнҳои асосӣ ва зарурии ташаккули донишҳои табиии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди таълими фанҳои табиӣ-математикӣ мебошад.

Дар ин синни мактабӣ хонандагон аллакай оид ба донишҳои одитарини физикӣ оид ба фанҳои табиӣ то андозае малака пайдо мекунанд. Аз курси табиатшиносӣ, математика, технология ва инчунин аз таҷрибаи шахсии худашон ва дигар сарчашмаҳо оид ба хосиятҳои объектҳои табиӣ ошноӣ пайдо мекунанд. Бинобар ҳамин, ин масъала рӯзмарра буда, ҷанбаҳои бисёреро дарбар мегирад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:**

- мазмун ва сохтори робитаи байнифаннии фанҳои табиӣ-математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ аниқ ва дақиқ карда аст;
- заминаҳои имконпазири ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни таълими математика ошкор намудаст;
- роҳу усулҳои самараноки ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар раванди дарсу корҳои беруназдарсӣ дарёфт ва ҳамчун воситаи бедоркунии шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фанни физика муайян карда аст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот иборат аст,** аз ҳиссагузорӣ дар коркарди системаи методии таълими фанҳои табиӣ-математикӣ тибқи амалисозии тамоюли ҳамгироӣ ба назария ва методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ иҷро шуд, ки боиси талаботи мувофиқаи маводҳои таълими фанҳои табиӣ-математикӣ, методҳою шаклҳои ташкили

фаъолияти таълимӣ азбаркунии хонандагон, меъёри ташаккулёфтаи донишҳои одитарини физикӣ ва шавқу ҳавас ба фанни физика гардид.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот иборат аст,** аз коркарди методикаи ташаккули донишҳои одитарини табиӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ, ки дар сохтору мазмуну мундариҷаҳои китоби дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ истифодаи имконпазир дорад. Ин натиҷаро метавонанд дар омодагии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар донишкадаю донишгоҳҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ истифода намоянд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола:** рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, 177 саҳифаи чопи компютериро дарбар мегирад.

**Мазмун ва муҳтавои кор дар ҷамъомадҳои зерини илмӣ амалӣ намуда аст:**

✓ конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Проблемаҳои истифодаи технологияи иноватсионӣ дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ» бахшида ба татбиқӣ муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ, (Душанбе, 2018);

✓ конференсияи илмӣ - амалии ҷумхуриявӣ дар мавзуи "Нақши ҳунарҳои миллӣ дар раванди таълиму тарбия", (Душанбе, 2018);

✓ конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Таълими салоҳиятнокӣ дар тайёрии касбии омӯзгорони фанҳои умумитехникӣ" бахшида ба соли рушди сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва мақоми байналмилалӣ гирифтани чакан, (Душанбе, 2019);

✓ маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи насли наврас", (Хуҷанд, 2019);

✓ конференсияи илмӣ -амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ: вақеъият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии он" ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Душанбе, 2019);

✓ конференсияи илмӣ –амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Муносибати навин ба такмили мазмуни таҳсилоти томактабӣ дар шароити муосир (дар партави паёми Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Прездენти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26.12.2018), (Душанбе, 2019);

✓ конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Нақшу ҳунарҳои мардуми дар рушд ва пойдории фарҳанги миллӣ" бахшида ба соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани солҳои 2019-2021, (Душанбе, 2019);

✓ конференсияи илмӣ – амалии донишгоҳӣ "Таҳсилоти томактабӣ: таҷриба, анъана ва навгониҳо" бахшида ба 50 – солагии кафедраи назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ, (Душанбе, 2019);

✓ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии ҳайати профессорон ва омӯзгорон бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90-солагии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ таҳти унвони "Оила ва фарҳанги оиладорӣ дар ҷомеаи муосир". (Душанбе, 2020);

✓ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии "Муносибати инноватсионӣ ба ташкили раванди таълим дар шароити татбиқи стандартҳои нави таҳсилот" бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Хуҷанд, 2021);

✓ проблемаҳои муосири методикаи таълими математика ва фанҳои табиӣ. Маводи маҷмуаи илмӣ-амалӣ бахшида ба 70-солагии дотсенти кафедраи методикаи таълими математика М. Маҳкамов ва 60-солагии кафедраи методикаи таълими математика, (Душанбе, 2021);

✓ аз натиҷаҳои таҳқиқот 17 номгӯй мақолаҳои илмӣ чоп карда шуд, ки дар байни онҳо чортояшон ба маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**Тавсия ба ҳимоя.** Бо назардошти он ки рисолаи докторанти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" барои дарёфти

дарачаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ ба ҳамаи талаботи ба ин навъ корхо пешбинишуда ҷавобгӯ мебошад, аз ин рӯ он ба ҳимоя пешниход карда мешавад.

**Ҷаласаи якчояи кафедраҳои методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,**

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Рисолаи илмии докторанти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" таҳқиқоти дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷомрасида буда, аҳамияти калони назариявую амалӣ дошта, ба ҳамаи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ пешбинишуда ҷавобгӯ мебошад. Рисолаи мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) ба ҳимоя пешниход карда шавад.

2. Маводи нашркардаи муаллиф мазмуну муҳтавои рисоларо пурра инъикос менамоянд.

3. Аз раиси Шурои диссертатсионии шурои диссертатсионии 6D.KOA-026 назди МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х. М. хоҳиш карда шавад, ки рисолаи мазкурро барои ҳимия кардан мусоидат намоед.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 29.09. 2022, № 2 қабул шудааст.

Иштирок доштанд: 31 нафар:

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 30 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Протоколи № 2 аз 29. 09. 2022 .

Раис, мудири кафедраи методикаи таҳсилоти
ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент: Ғаффоров А.О.

Котиби ҷаласа, мудири кафедраи педагогика
ва психологияи синфҳои ибтидоии факултети
педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садридин Айнӣ: Фозилов С.М.

Имзоҳои А. О. Ғаффоров ва С. М. Фозиловро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

**Нишонӣ:** 734003, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj